# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, академики АМИТ Яқубов Ю., доктори илмҳои таърих, профессор Саидов А., доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т. бо таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯи маводҳои минтақаи Кӯлоб) (с. 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯи маводҳои минтақаи Кӯлоб) (с. 1991-2016)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили вазъи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи фарҳанги халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки ҳарчанд раванди ташаккул ва рушди муассисаҳои фарҳагӣ ба замони Шӯравӣ рост ояд ҳам, вале омӯзишу баррасии муттасилу мақсадноки таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ огоз гардидааст. Бинобар ин дастрас гардидани маъхазу сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва баррасии онҳо аз нигоҳи воқеияти замон таваҷҷӯҳи унвонҷӯро ба таҳқиқоти маҷмӯии таърихи муассисаҳои

маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷалб намудааст.

Даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фоҷиавӣ ба анҷом расид. Дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, ки ба фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷаи муқовимати мусаллаҳона ҳолати муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ба куллӣ тағийр ёфт. Садҳо клубу китобхонаҳо вайрону валангор гашта, театрҳои мардумӣ аз фаъолият боз монда, молу мулки муассисаҳои фарҳангӣ ба яғмо рафтанд. Вайрон гаштани биноҳо, бад гаштани ҳолати маблағгузорӣ ва норасоии мутахассисони соҳа ба пурра аз фаъолият боз мондани аксарияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ оварда расонид. Дар ҷумҳурӣ аз он ҷумла дар вилояти Хатлон норасоии мутахассисони соҳаи фарҳанг аз рӯйи баъзе ихтисосҳо афзоиш ёфт.

Муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ҳамчун донишкадаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, дар ташаккулёбии афкори ҷомеа, устувор гаштани истиқлолият ва ваҳдати миллии халқи тоҷик нақши асосиро мебозад. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 1991 – 2016 то кунун ҳамчун пажуҳиши мукаммали таърихӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифта буд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши маводи бойгонихои ҷори, коркарди илмӣ ва таҳлили маводи нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки роҷеъ ба таърихи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият рӯйи кор омадаанд, инчунин дар баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва муайян намудани хусусиятҳои вазифавии онҳо дар солҳои

истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф унвонҷӯ таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон ва донишмандони соҳаро, ки оид ба мавзӯи мазкур анҷом додаанд, ҷамъбаст намудааст. Илова бар ин, унвонҷӯ таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони шӯравӣ тадқиқ намуда, вижагиҳои фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро дар давраи таҳқиқотӣ муайян кардааст. Гузашта аз ин, унвонҷӯ вазъи муассисаҳои клубӣ, театрҳои халқӣ ва фаъолияти китобдорӣ ва осорхонаҳои минтақаи мазкурро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ нишон дода, дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталабро дар ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият баррасӣ намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳамият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми минтақа кӯшиш ба харҷ додааст. Дар баробари ин дар асоси манбаъ, сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявӣ** дар он зоҳир мегардад, ки мазмун ва муҳтавои назариявии рисоларо, минбаъд метавон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар даврони истиқлолият, бахусус, дастовардҳои фарҳангиро ҳамчун натиҷаи асосии ҷараёни ислоҳоти иҷтимоӣ – фарҳангии аввали асри XXI истифода намуд.

**Муҳимияти амалии таҳқиқот дар он** аст, ки мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи қисматҳои таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, барои тайёр намудани китобҳо, дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус аз рӯйи ихтисосҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии

Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади беҳтар намудан ва ба талаботи замони нав ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, ҳангоми коркарди масъалаҳо ва таҳия намудани сохтор ва самтҳои фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо аз тарафи Донишкадаи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

Мазмуни асосии рисола дар ҳашт мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯи маводҳои минтақаи Кӯлоб) (с. 1991-2016)» аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – **Таърихи ватанӣ** тавсия карда мешавад.

Зимни ин, хайати Комиссияи ташхис пешниход менамояд, ки мавзуи рисола хатман чунин номгузорӣ шавад: «Таърихи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият (с. 1991-2016)».

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият (с.1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ тавсия дода шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) **Набиев Ваҳоб Машрафович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Б) **Гаффуров Бахтиёр** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таърих ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия

3. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдиқ карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих, академик** **Яқубов Ю.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**

**доктори илмҳои таърих** **Саидов А.**

**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

ШУЪБАИ КАДРҲО